**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А. И.

_______________________

_______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ–эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

*Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*

Диссертатсия ва мухтавои он ба шиносномаи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш), банди 5 – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асоҳҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мувофиқ мебошад.

*Мубрамии мавзуи таҳқиқ:* Дар шароити муосир рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла низоми таҳсилот, таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин шароит низоми таҳсилоти муосир аз омӯзгорон ва хонандагон талаб менамояд, ки дар баробари азхудкунии донишҳои назариявӣ қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии худро низ рушд диҳанд, зеро маҳз чунин қобилиятҳо барои ташаккули тафаккури мустақил, фаъолияти маърифатӣ ва муносибати эҷодӣ ба дониш аҳамияти калон доранд.

Дар робита ба ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим метавонад барои рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон имкониятҳои мусоид фароҳам оварад. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки иттилооти заруриро мустақилона ҷустуҷӯ намоянд, онро таҳлил ва коркард карда, натиҷаҳои фаъолияти маърифатии худро ба таври эҷодӣ пешниҳод кунанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷуӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ дар педагогикаи муосир ба ҳисоб

меравад ва метавонад ба такмили раванди таълим ва баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат намояд.

*Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:* Махсусан бояд қайд кард, ки таҳқиқи мавзуи мазкур ба самтҳои афзалиятноки рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат менамояд. Дар доираи татбиқи талаботи санадҳои мазкур муаллиф масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷуӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ кӯшиш намудааст, ки шароитҳои педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагонро муайян намояд. Дар таҳқиқот аҳамияти истифодаи имкониятҳои муҳити рақамӣ, барномаҳои таълимии электронӣ ва воситаҳои муосири иттилоотӣ дар фаъол гардондани фаъолияти маърифатии хонандагон асоснок карда шудааст. Мавқеи муҳаққиқ дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои такмили раванди таълим, рушди тафаккури эҷодӣ ва ташаккули малакаҳои мустақили ҷустуҷӯии хонандагон тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ равшан ба назар мерасад.

Довталаби дараҷаи илмӣ осори олимони маъруфи соҳаи педагогика ва технологияҳои таълимиро, аз ҷумла К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский, Б.Т. Лихачёв, В.П. Беспалько, И.П. Подласый, Е.С. Полат, В.А. Сластенин, А.В. Хуторской, инчунин таҳқиқоти олимони ватанӣ - Қ. Қодиров, М. Каримова, Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода, Л. Иматова ва дигаронро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, андешаҳои онҳоро дар самти рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ҷамъбаст намудааст.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дар асоси таҳлили назариявии масъала, мушоҳидаҳои педагогӣ, пурсишномаҳо, суҳбатҳо ва натиҷаҳои таҷриба-озмоишӣ ба даст омада, дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокиро доро мебошанд. Тавсия ва пешниҳодоти баёнгардида метавонанд дар такмили раванди таълим, рушди фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯии хонандагон, инчунин дар истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия аз рӯйи мазмун ба мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» бахшида шуда, муҳаққиқ дар муқаддимаи таҳқиқот муҳим будани мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии он, мақсад, вазифа, объект, предмет, фарзия, навгонии илмӣ ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшавандаро нишон дода, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, боэътимодӣ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомадаро асоснок намудааст.

*Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳо аз он иборат аст, ки* муҳаққиқ бори аввал масъалаи омодагии мутахассисони оянда дар соҳаи информатика ҳангоми омузиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК)-ро дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст. Моҳияти ин омодагӣ ҳамчун хусусияти муҳими фаъолияти касбии мутахассис на ба шабеҳсозии утилитарии иттилоот, ки одатан дар амалияи мавҷудаи таълим истифода мешавад, балки ба баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон тавассути ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим дар ҷараёни муколамаи интерактивӣ, ки бо истифода аз захираҳои электронии таълимӣ амалӣ мегардад, равона карда шудааст. Амсилаи рушди қобилиятҳои зикршуда дар шароити низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохтор, дараҷаҳо ва марҳилаҳои рушди омодагӣ) таҳия ва мушаххас гардидааст. Ҳамзамон, ҷараёни истифодаи имкониятҳои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши ТИК коркард гардида, ҷузъҳои мақсаднок, мухтавоӣ ва протсессуалии он муайян карда шудаанд. Хулосаву тавсияҳои методӣ ва амалии муҳаққиқ ба такмили раванди омӯзиши ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намуда, метавонанд дар амалияи таълимӣ барои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон истифода шаванд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия:* Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар таҳқиқот имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи муҳими фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагон мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада барои рушди назарияи педагогика ва такмили методикаи истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ аҳамияти назаррас доранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд. Татбиқи шакл, усул ва воситаҳои пешниҳодшудаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон густариш ёфта, сатҳи мустақилияти фикрӣ ва фаъолнокии маърифатии онҳо баланд гардад. Модели педагогии пешниҳодшуда метавонад ҳамчун роҳнамо дар фаъолияти омӯзгорон ҳангоми ташкил ва идоракунии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосир истифода шавад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди тафаккури эҷодӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ ва болоравии сатҳи маърифатии хонандагон мусоидат менамояд. Ин раванд барои ташаккули шахсияти фаъол, мустақил ва эҷодкор замина фароҳам оварда,

омодагии хонандагонро барои зиндагӣ ва фаъолияти самаранок дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ тақвият мебахшад.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилот ва омодасозии насли донишманду эҷодкор мусоидат намояд. Дар натиҷа, рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон барои ташаккули захираҳои зеҳнии ҷомеа ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир дар шароити рушди иқтисодиёти муосир заминаи мусоид фароҳам меорад.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.* Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавию озмоишӣ, санҷиши фарзия ва ғояи пешбарандаи пажуҳиш, инчунин татбиқи тавсияҳо дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба назар мерасад. Пешбиниву андешаҳои дар фарзияи таҳқиқот баёншуда амалан тасдиқи худро ёфта, самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагонро нишон медиҳанд. Санҷиши маводи озмоишӣ дар муҳити таълим, таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муҳаққиқ, инчунин истифодаи манбаъҳои илмии боэътимод аз соҳаҳои педагогика, психология ва технологияҳои таълимӣ боварибахшии натиҷаҳои пажуҳишро собит менамояд.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажуҳиш, фарзия, марҳилаҳо, инчунин асоси назарӣ ва амалии он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқшуда ба таври ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Таҳқиқот дар якчанд муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо иштироки омӯзгорон ва хонандагон сурат гирифта, натиҷаҳо аз он далолат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷрибаи воқеии таълим ва фаъолияти амаливу таҳқиқотии муаллифи рисола ба миён омадааст. Ин ҳама баёнгари онанд, ки натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, метавонанд дар такмили раванди таълим, рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии кишвар самаранок истифода шаванд.

*Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:* Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқ ба таври зайл арзёбӣ мегардад: интихоб ва асоснок намудани мавзуи таҳқиқ, муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ ва манбаъҳои зарурӣ оид ба масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон, инчунин ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти зарурӣ. Довталаб дар ҷараёни таҳқиқ мушоҳидаҳои педагогӣ, пурсишнома, суҳбат ва озмоишҳои педагогиро гузаронида, натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил ва коркард намудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳати рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барномаи озмоишии таълимиро таҳия намуда, дар асоси татбиқи он шакл, усул ва воситаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар раванди таълим муайян кардааст. Ҳамзамон,

модели педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳия гардида, самаранокии он дар таҷрибаи педагогӣ санҷида шудааст.

*Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.* Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия дар 26 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар қисми «Муқаррароти асосии диссертатсия ва интишороти муаллиф», ки дар диссертатсия ва автореферат баён шудаанд, инъикос гардидаанд. Ҳамчунин, 19 интишороти боқимонда мақолаҳои илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияҳои илмиро ташкил медиҳанд.Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм мувофиқат мекунад.

*Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:* Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян намуда, нақши онҳо дар фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагонро равшан сохтааст. Муҳаққиқ шароитҳои педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар раванди таълим муайян намуда, имкониятҳои онҳоро дар рушди тафаккури мустақилона, фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон асоснок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд минбаъд дар таҷрибаи амалии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои такмили раванди таълим ва баланд бардоштани фаъолнокии маърифатии хонандагон истифода шаванд.

Муҳаққиқ собит намудааст, ки истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон мусоидат намуда, сатҳи мустақилияти фикрӣ, фаъолнокии маърифатӣ ва фарҳанги иттилоотии онҳоро баланд мебардорад. Ин раванд ба ташаккули шахсияти фаъол, мустақил ва эҷодкор мусоидат намуда, барои омодасозии хонандагон ба шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, зербобҳо, хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳрасти адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Бобҳо ва зерфаслҳои диссертатсия далели онанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ паҳлуҳои гуногуни масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагонро тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, барои таҳияи рисола аз сарчашмаҳо ва маъхазҳои зиёди илмӣ истифода кардааст.Довталаби дараҷаи илмӣ дар муқаддима мубрам будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи коркарди илмии онро таҳлил намуда, заминаҳои

методологӣ, мақсад, объект, предмет, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқотро муайян кардааст. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобг буда, аз ҷиҳати мазмун ва мантиқ таҳқиқотро метавон кори илмии ба анҷомрасида арзёбӣ намуд.

Муаллиф дар боби якум, ки «Асосҳои педагогии омӯзиши ТИК дар таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ» ном дошта, аз 4 зербоб иборат аст, ки ба масъалаҳои хусусиятҳои омӯзиши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, афзалияти рушди қобилияти хонандагон тавассути ТИК, ҷанбаҳои ҳавасмандкунандаи ТИК ва нақши он дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ва вазъи омӯзиши ТИК дар МТМУ-и ҶТ (марҳилаи муайян) пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби аввал "Хусусиятҳои омӯзиши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таҳқиқотҳои дидактикии бунёдӣ" Айни замон башарият ба марҳилаи сифатан нави инкишофи худ – марҳилаи ташаккули ҷомеаи ҷаҳонии дониш рӯ овардааст. Мафҳуми зерин дар заминаи истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» ба вуҷуд омадааст, ки дар анҷоми солҳои 60-уми асри гузашта дар Ҷопон пайдо шудааст.

Сарчашмаи асосии тағйироту навгонӣ дар сохторҳо ва умуман ҷомеа пеш аз ҳама ҷараёни ворид кардани ТИК, аз ҷумла иттилоотикунонӣ, техникаву технологияи компютерӣ ва телекоммуникатсия дар ҳамаи самтҳои фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Асоси методологӣ барои коркард ва беҳтаргардонии дилхоҳ методикаи хусусӣ дидактика – қисмати педагогика мебошад, ки ба масъалаҳои назарияи омӯзиш сарукор дорад. Предмети дидактика «на танҳо раванди омӯзиш балки шарти муҳим барои рафти он (муҳтаво, восита, методҳои омӯзиш...) ва ҳамчунин натиҷаҳои бадастомадаи ташхис ва баҳодиҳии он мебошад». Тавре ки як қатор олимон қайд кардаанд, вазифаи дидактика аз тавсиф ва шарҳи раванди омӯзиш ва шартҳои амалигардонии он ва ҳамчунин коркарди ташкили боз ҳам беҳтари раванди омӯзиш, системаҳои нави омӯзишӣ ва технологияҳои нави омӯзишӣ иборат аст.

Дар зербоби дуюми боби 1: "Афзалияти рушди қобилияти хонандагон тавассути ТИК" дар асоси ТИК чунин табдилдиҳӣ мумкин аст, ки он калиди навсозии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, қариб дар ҳамаи мамлакатҳои тараққикарда барои чунин навсозӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад. «Дар як қатор мамлакатҳо ТИК ҷузъи асосӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот бо роҳи ворид кардани тағйирот ба курсҳои таълимӣ, омӯзонидани малакаҳои амалии нав ва васеъ кардани мундариҷаи фанҳои таълимӣ ҳисоб карда мешавад. Дар дигар мамлакатҳо ТИК асосан барои осон кардани дастрасии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба таҳсилот ё дар мақсадҳои бориктари кумак дар омӯзиши мустақилона ба воситаи барномаҳои таълимӣ дар телевизион ва радио истифода бурда мешавад. Мамлакатҳои сеюм диққати асосиро ба истифодаи технология барои таблил додани шароитҳои омӯзиш ва қонеъ кардани талаботҳои махсуси категорияҳои гуногуни таълимгирандагон дода истодаанд».

Дар ҷараёни сатҳӣ таҳлил намудани воситаҳои ТИК дар самти таҳсилот метавон гуфт, ки мавҷудияти онҳо дар ҷараёни таълим пайваста зарур аст. Ногуфта намонад, ки иттилоотикунонӣ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам ҷанбаҳои манфиро ба худ доро аст.

Дар зербоби сеюми боби 1: "Ҷанбаҳои ҳавасмандкунандаи ТИК ва нақши он дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон" ба таҳқиқ фаро гирифта шудааст. Татбиқи афзояндаи компютерҳо дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, рушди технологияҳои шабакавӣ мушкилоти навро ба вуҷуд оварда, ба рушди соҳаҳои нави таҳқиқотӣ такон медиҳад. Омӯзиши ҷанбаҳои психологӣ ва педагогии ҳамкории инсон ва компютер ва ҳамчунин ҷустуҷӯи усулҳои самараноки татбиқи технологияҳои иттилоотӣ муҳиммияти махсусро дар замони ҳозира соҳиб мегарданд. Равандҳои маърифатӣ: қабул кардан, диққат, тасаввурот, хотира, фикр, нутқ – ҳамчун ҷузъҳои дилхоҳ фаъолияти инсонӣ баромад мекунанд. Барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба муошират, бозӣ кардан, хондан ва меҳнат кардан инсон бояд дунёро дарк карда, ба ин ё он ҳолатҳо ё ҷузъҳои фаъолият диққат диҳад, он чизе, ки ба вай барои иҷро кардан, дар ёд дошта, фикр кардан, ақидаашро баён кардан зарур аст, пешниҳод карда тавонад. Барои ҳамин бе иштироки равандҳои маърифатӣ фаъолияти инсон номумкин аст, зеро онҳо ҳамчун лаҳзаҳои ҷудонашавандаи дохили вай баромад мекунанд. Онҳо дар фаъолият рушд меёбанд ва худашонро ҳамчун намуди махсуси фаъолият муаррифӣ мекунанд.

Дар зербоби чоруми боби 1: "Вазъи омӯзиши ТИК дар МТМУ-и ҶТ (марҳилаи муайян)" Дар якчанд соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсусро ба амалӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди омӯзиш равона сохт, ки он ба суръати баланди рушди технологияҳои компютерӣ дар ҳамаи гӯшаҳои кураи замин вобастагӣ дорад. Он стратегияҳои нави ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиро дар раванди омӯзиш татбиқ мекунад. Аммо, ташаккули нокофии заминаи назариявӣ дар ин самт барои шиносоии муфассал бо масъалаҳои технологияҳои иттилоотӣ имконият намедиҳад, ки ба фаҳмиш ва аз байн бурдани «минтақаҳои мушкилот» дар системаҳои мавҷудаи мубодилаи донишҳои маҷозӣ мусоидат кунанд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид, ки бевосита ба ТИК марбутанд. Ин, ба якчанд маротиба зиёд шудани миқдори операторҳои алоқа ва васеъ истифода шудани ТИК дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат – пешрафти муайян дар рушди инфрасохтори иттилоотӣ, татбиқи лоиҳаҳои соҳавии гуногун ва барномаи иттилоотикунонӣ мусоидат кард.

Имконияти дараҷаи рушди ТИК ба он оварда расонид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба таҳияи сиёсати давлатии ҷиҳати ташаккул ва рушди фазои ягонаи иттилоотӣ пойгоҳ ва бонки додаҳо, технологияҳо, тақвияти истифодабарии системаҳо ва шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ оғоз карда шавад. Ин сиёсат дар асоси принсипҳои ягона ва бо қоидаҳои умумии таъминкунандаи ҳамкории иттилоотии ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҳамчунин қонеъ кардани талаботи иттилоотии онҳо фаъолият мекунад.

Боби дуюми диссертатсия – “Роҳҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ба рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон мусоидаткунанда” ном дорад. Дар ин боб Принсип ва меъёрҳои муайнкунандаи ТИК, Шаклҳои истифодаи ТИК дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ва самаранок истифодаии он: таҳлил ва баррасӣ карда шуд.

Зербоби 1-уми боби 2: “Принсип ва меъёрҳои муайянкунандаи мундариҷаи истифодаи ТИК дар МТМУ” дар бораи он баҳс мекунад, ки Ҳангоми дар раванди омӯзиш ҷорӣ кардани ТИК доимо иқтидори васеъшавандаи зеҳнии ҷомеа, ки дар шакли фонди чопӣ ҷамъоварӣ шудааст, фаъолиятҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва машғулиятҳои дигари аъзои ҷомеаро фаъол сохта, қобилияти фикрронии хонандагонро инкишоф медиҳад, малакаи мустақилона ҳифз намудани дониш ва фаъолиятҳои таълимӣ-иттилоотӣ ва таҷрибавӣ-таҳқиқотиро вусъат бахшида, шаклҳои гуногуни корҳои мустақилона оид ба таҷдиди иттилооти бадастомада амалӣ карда мешавад.

Низоми таҳсилот имрӯз бояд мушкилоти навро бартараф карда тавонад. Дар акси ҳол, паҳлуҳои мухталифи таълим рушди афкори ғайримуқаррарӣ, ки бо дарки дар як муҳлат пешниҳод кардани ғояҳои нав, инчунин суръату устуворӣ ва аслияту дақиқӣ муаррифӣ мегардад, ҳамчун дастуру воситаи асосии таълим ё омӯзиши васоити электроние қарор мегиранд, ки функсияҳои омӯзгорро васеъ карда, намуди воситаҳои таълимӣ ва хусусиятҳои ҳамкории омӯзгор ва таълимгирандагонро дигаргун месозанд.

Дар зербоби 2-юми боби 2 “Шаклҳои гуногуни истифодаи ТИК дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон” инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва раванди ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотии таълигирандагон аз масоили зарурӣ ва қисми ҷудонопазир дар тайёр кардани дар МТМУ ба ҳисоб рафта, ба масъалаҳои асосӣ дар ҷараёнҳои таълимӣ ва илмӣ ворид мешаванд. Дар шароити инкишофи баландсуръати ҷаҳонишавии иқтисодиёт, таъсири илм ва техника ба равандҳои ҷаҳонӣ, дар назди МТМУ шадидан мушкилоти бозсозӣ ва мустаҳкамкунии имкониятҳои илмии он ба миён омадааст.

Дар марҳилаи муосир ба сифати яке аз вазифаҳои афзалиятдошта дар дилхоҳ давлат дастгирӣ ва рушди илми ватанӣ мебошад. Хусусиятҳои таълим дар МТМУ қабл аз ҳама роҳандозии раванди хуб фикр кардашуда мебошад, ки хонандагон на танҳо ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани барномаҳои таълимӣ, балки дар мавриди нишон додани маҳорату малакаҳои таҳқиқоти илмӣ, ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ фаъолияти босамар дошта бошанд.

Зербоби 3-юми ин боб ба таҳқиқи “Самарабахш истифода бурдани ТИК дар инкишофи қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон” бахшида шудааст. Дар рафти таълим усулҳои гуногуни ҳамкории омӯзгор ва таълимгиранда истифода мешавад. Мавриди зикр аст, ки дар замони муосир ба усулҳои фаъол ва интерактивии таълим афзалият дода мешавад, ки дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимӣ натиҷаҳои назаррас медиҳанд.

Вазифае, ки унвонҷу дар назди худ гузоштааст, аз муайя намудани тасаввуроти хонандагони МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба малакаҳои

ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ иборат аст, то дарк кунем, ки барои хонандагон дар малакаҳои ҷустуҷӯӣ- таҳқиқотӣ чӣ чиз зарурият дорад.

Пажуҳиш бо методи озмоиши озоди ассотсиативӣ анҷом ёфтае, ки дар диссертатсия пешниҳод шудааст теъдоди аксуламалҳо маҳдуд нестанд. Вобаста ба ин, бо гурӯҳи хонандагон пурсиши анкетавӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, дар синфи 8-ум бо 81 хонанда, дар синфҳои нуҳум – 120 хонанда ва дар синфҳои 11-ум бо 40 хонанда пурсиш гузавронида шудааст, ки теъдоди умумӣ 322 нафарро ташкил додааст. Нишондоди аксуламал 1084-то буда, натиҷаҳои бадастомада дар синфҳои 8, 9, 10 ва 11 бознигарӣ шуданд, то ин ки дар оянда динамикаи гурӯҳ ба гурӯҳ, ё синф ба синф дар мавриди рушди тасаввуроти таълимгирандагон роҷеъ ба маҳорату малакаҳои ҷустуҷӯиву таҳқиқотӣ пайгириву арзёбӣ шаванд.

Ҳангоми бознигарии натиҷаҳои озмоиш аксуламалҳо мувофиқи категорияҳои маъноии муайяннамудаи унвонҷӯ бо параметрҳои инъикоскунандаи ин ё он тасаввуроти хонандагон доир ба ҷанбаҳои маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ тасниф карда шудаанд.

Дар рисола асосҳои назариявии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XXI оид ба Шаклҳои гуногуни истифодаи ТИК дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон таҳлилу тафсир карда шуда, таълимоти ин мутафаккирон дар инкишофи илму техника дар МТМУ ошкор карда шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро назарияҳои илмии олимони ватанӣ ва олимону мутахассисани хориҷӣ, ки роҷеъ ба илмҳои педагогӣ-психологӣ ва педагогӣ дар самти технологияҳои муосир вобаста ба ташаккули қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон, дар заминаи онҳо таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот роҳандозӣ карда шудааст, дар бар мегирад.

Арзишҳои амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастуру раҳнамоҳои илмӣ, методӣ, фаннӣ оид ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин асрҳо, нақши анъанаҳову арзишҳои милливу мардумӣ, педагогикаи мардумӣ, дар рушди хирад ва ташаккули сирати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи насли наврас мусоидат намоянд. Инчунин дар ғанӣ гардонидани педагогикаи тоҷик мавзуи фавқ нақши бориз дорад.

Инчунин натиҷаҳои тахкикотро инчунин омӯзгорон метавонанд дар тадриси фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, марказҳои омӯзишӣ, омӯзишгоҳҳову муассисаҳои олӣ, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ, озмунҳо ва маҳфилҳои мухталиф мавриди истифода қарор диҳанд.

*Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва мухтавои асосии

рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия муқаррароти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

*Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.* Тахассуси илмии довталаб ба ихтисоси дархостшаванда 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад. Мазмун ва самти таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии педагогика марбут буда, рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро фаро мегирад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф онро мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои илмии бадастомадаро ба таври асоснок пешниҳод кардааст. Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад.

*Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:* Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Таҳлили фаъолияти омӯзгорони технологияҳои иттилоотӣ аз нигоҳи таълими босифат ва босалоҳият, ки дар пасманзари таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муҳим дорад, нисбатан камтар ба мушоҳида мерасад. Хуб мебуд агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони технологияҳои иттилоотӣ, сатҳ ва дараҷаи иштироки хонандагони синфҳои болоӣ ба машғулиятҳои таълимӣ, истифода аз роҳу усулҳои пешқадами таълими ин фан дар муқоиса бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии намуди нав мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ мекард.

2. Агар дар диссертатсия таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни "Технологияҳои информатсионӣ"-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, беҳтар мебуд, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

3. Беҳтар мебуд, ки ҳар як вазифаи дар назди таҳқиқоти илмӣ гузошташуда дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот ҳалли худро меёфтанд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои грамматикӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ бояд кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Эродҳои зикршуда ба арзиши илмии диссертатсия халал ворид намекунанд. Муҳаққиқ вазифа ва ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро пурра ҳал намудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

*Хулоса:* Диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Файзалии Мирзоали сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоали иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19 марти соли 2026, №15

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ

Арбобова Фароғат Анваровна

19.03. 2026

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А., Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Қодирзода Сайвали Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj